**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А.БАҲОВАДДИНОВ**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**УДК - 323: 329.78 (575.3)**
**ББК – 66.3+66.61 (2) 5 (2таджик)**
**М-87**

**МУРОДЗОДА МУҲСИН МУҚИМ**

# МАСОИЛИ ТАҲКИМИ ҲУВИЯТИ МИЛЛИИ ҶАВОНОН ДАР ЗАМОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ТОҶИКИСТОН: ҶАНБАИ СИЁСӢ-ИҶТИМОӢ

## АВТОРЕФЕРАТИ

**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

Душанбе - 2024

Диссертатсия дар шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ омода гардидааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Комилбек Амид Ёрбек** – доктори илмҳои сиёсӣ, ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев. |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Фаттоҳзода Саидмурод Самад** - доктори илмҳои фалсафа, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.<br>**Абдулҳақов Музаффар Мирзоевич** – номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. |
| **Муассисаи пешбар:** | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ |

Ҳимояи диссертатсия «20» сентябри 2024, соати «$13^{00}$» дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-001 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, бинои таълимии 15, e-mail: tgnu@mail.tj. Тел. (+992) 919-60-69-66 баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар вебсайти www.tnu.tj ва Китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо суроғаи 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17 шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» __________соли 2024 фиристода шуд.

И.в. котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои таърих — З.И. Акрамӣ

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Проблемаи ташаккул ва таҳкими ҳувияти миллию ҷавонон дар Тоҷикистони муосир дар сохтори афзалиятҳои сиёсатшиносии ватанӣ мавқеи назаррасро ишғол мекунад. Даҳсолаҳои охир таваҷҷуҳ ба мафҳумҳои “шинохт” (идентификатсия) ва “ҳувият” дар саросари ҷаҳон афзоиш ёфтааст. Ҳувияти миллӣ ба заррабине монанд аст, ки тавассути он бисёр хусусиятҳои муҳимми ҳаёти муосири дилхоҳ ҷомеа баррасӣ, арзёбӣ ва омӯхта мешаванд.

Мусаллам аст, ки ҷавонон аз нуқтаи назари сиёсӣ ва равонӣ як мавзӯи махсуси иҷтимоӣ мебошанд, ки бояд дар ояндаи наздик мундариҷаи воқеияти сиёсии Тоҷикистонро муайян кунанд. Аз ин лиҳоз омӯзиши раванди ташаккул ва ҳувияти миллии ҷавони тоҷик, дарки назариявии давраи ҳозираи рушди ҷомеа, арзёбии таъсири падидаҳои ҷаҳонишавӣ, технологияи муосири иттилоотӣ ба ҳувияти ҷавонони тоҷик имрӯз барои илмҳои ҷомеашиносии ватанӣ, хусусан барои сиёсатшиносӣ басо муҳим аст. Чунин таҳқиқот имкон медиҳад, ки бо назардошти таҳаввулоти ҳаррӯза дар ҷаҳони муосир сиёсати ҷавонон дар Тоҷикистон такмил ёбад.

Яке аз дастовардҳои бузурги даврони соҳибистиқлолӣ маҳз ба таври нодир ва мутобиқ ба сабку усули тоҷикона ташаккул ёфтани сиёсати давлатии ҷавонон ва тадриҷан фароҳам овардани имкониятҳои васеи рушди такомули ҷавонон дар шароити мураккаби тағйирёбии сохториву ҷамъиятӣ арзёбӣ мегардад.

Шароити кунунӣ дар Тоҷикистон фароҳамовардашуда, бахри рушду инкишофи имкониятҳои зеҳнии ҷавонон ва барои ҳамчун як шахси комилу бо донишҳои замонавӣ мусаллаҳ гардидани насли наврасу ҷавони кишвар мусоидат менамояд.

Дар олами муосир барои ҳар як давлат масъалаи ҳувияти миллӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Давлати тавоно ва пойдорро бидуни ваҳдати миллӣ, ҳисси дарки ҷомеаи миллӣ, манфиатҳо ва арзишҳои муштараки миллӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ваҳдати миллӣ ҳар қадар қавитар бошад, масъулияти шаҳрвандӣ ҳамон қадар баландтар ва эҳтимолияти амалҳои муштарак аз номи миллати мушаххас зиёдтар мешавад.

Яке аз қазияҳои умда ва мубрами имрӯзу фардои ҷаҳони муосир, ки мавриди омӯзиш, таҳлил ва чораҷӯйӣ қарор дорад, ин шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистиву террористӣ ба шумор меравад. Масъалаи мазкур қазияи ҳалталаби рақами як дар тамоми ҷаҳон шуморида шуда, сарони тамоми кишварҳои дунёро водор сохтааст, ки пайи дарёфти чораҳои фаврии пешгирӣ ва бартараф

намудани чунин ҷараёну равияҳои номатлуб андеша намоянд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумиҳурии Тоҷикистон чунин иброз доштанд, ки "Созмонҳои террористӣ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ ва бо роҳи тафсири ғаразноки сарчашмаҳои динӣ дар мафкураи ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳ ғояҳои тундгароиро ҷой карда, онҳоро ба қатлу куштор, барҳам задани амну субот ва оромӣ дар мамлакатҳои гуногун ташвиқ менамоянд. Аз ин лиҳоз, сохтору мақомотҳои марбутаро зарур аст, ки дар роҳи ташвиқу тарғиби тундагароӣ садди устувор гузошта, ҷавононро ба ҳушёриву зиракӣ ҳидоят кунанд ва онҳоро дар рӯҳияи садоқат ба халқу Ватан тарбия намоянд".[1]

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бештар ҷавонон ҳамчун қишри камтаҷрибаи ҷомеа ҳадафи ин гурӯҳҳои ифротгарои динӣ қарор мегиранд. Дар аксар вақт ҷавонон оид ба сарчашмаҳои идеологӣ, оқибатҳои мудҳиш ва манфии ҳаракатҳои ифротӣ тасаввурот надоранд ва зери таъсири шиорҳои ба ном "олӣ", инчунин ҳилаю найранги ин гурӯҳҳо мемонанд.

Омили дигаре, ки боиси шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ мегардад, ин истифодаи васеи сомонаҳои интернетӣ мебошад. Созмонҳои экстремистӣ ва террористӣ аз ин усул бо паҳн кардани сабтҳои видеоӣ ва наворҳои таблиғотӣ ба психологияи ҷавонон таъсир расонида, тарафдорони худро зиёд намуда, ба ҷиҳод ва ҷанг даъват намуда, ваъдаҳои фардои биҳиштро талқин намуда, даҳҳо нафар одамони гумроҳро ҷавонмарг месозанд.

Ба назари мо таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон метавонад барои шомилшавии ҷавонон гурӯҳҳои ифротгаро монеа эҷод намояд. Ба ҳамин хотир зарур аст, ки роҳу усулҳои нави таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон дар шароити соҳибистиқлолии Тоҷикистон омухта шавад. Дар ин радиф зарур, ки мафҳуми ҳувияти миллӣ, механизмҳо, замина ва омилҳои ташаккули он саҳеҳ ва объективона дарк карда шавад.

Масоили таҳқиқот аз зарурати муайян ва таҳлил кардани хусусиятҳо, механизмҳо ва роҳҳои таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони тоҷик дар давраи дигаргуншавии ҷомеа дар Тоҷикистон иборат аст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Омӯзиши падидаи ҳувияти миллӣ барои кишварҳои пасошӯравӣ хеле мубрам аст, зеро ки онҳо баъд аз ба

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ.26 декабри 2019 [Манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/21975. (санаи муроҷиат: 15.01.2021)

даст овардани Истиқлоли давлатӣ ба буҳрони ҳувият дучор гаштанд. Раванди ташаккули ҳувияти нави миллӣ дар кишварҳои пасошуравӣ дар асоси омӯзиши таҷрибаи давлатҳои миллӣ, коркарди назарияҳо оид ба ҳувият ва тарроҳии моделҳои ҳувияти миллӣ идома ёфт

Пажӯҳиши падидаи ҳувият аз миёнаҳои асри XX амалӣ шуда истодааст. Ин ҳолат аз бисёр ҷиҳат аз он вобаста буд, ки мафҳуми «ҳувият» дар соҳаҳои гуногуни донишҳои илмӣ дар робита бо ҷустуҷӯи парадигмаи нави таҳқиқоти сиёсӣ-иҷтимоӣ идома меёфт.

Дар афкори илмии хориҷӣ, масоили ҳувият ва инчунин ҳувияти миллӣ, анъанаи муайяни таҳқиқотӣ дорад. Пеш аз ҳама бояд аз таҳқиқотҳои илмии олими англис Э.Эриксон[1] ёдовар шавем, ки ӯ солҳои 70-ум асри XX бори аввал мафҳуми "ҳувият"-ро ба муомилоти илмӣ ворид сохт. Баъдан масъалаи ҳувият ва хусусан ҳувияти миллӣ аз ҷониби олимони соҳаҳои гуногун мавриди пажӯҳиш қарор гирифт. Дар ин самт корҳои назарраси илмӣ аз ҷониби Э.Гидденс[2], А. Д.Смит[3], Ҳ.С. Келман[4], Ю.Хабемарс[5], Дж.Бройн[6], С.Хантингтон[7], П.Бёрнер[8], Ч.Тейлор[9], Д.Миллер[10], Ҳ.Таҷфел[11], Э.Геллнер[12] таълиф гадидаанд. Ба ақидаи ин олимони ғарбӣ ҳувият ҳамчун объекти таҳлили сиёсатшиносӣ мувофиқи равиши сохторию функсионалӣ тавсиф мешавад. Онҳо мутмаинанд, ки модернизатсияи иҷтимоӣ, ташаккули

---

[1] Ниг.: Эриксон Э. Идентичность: юность и кризис. [Текст] / Э.Эриксон. – М.: Флинта. 2006. – 353с.

[2] Ниг.: Giddens A. Modernity and Self [Text] /A. Giddens. – Identity. Stanford. 1991. – 264 p.

[3] Ниг.: Smith A.D. Nationalism in the Twentieth Century [Text] /A.D. Smith. – N. Y., 1979. – 257 p.; Smith A.D. National Identity [Text] / A.D. Smith. - Reno (Nevada). -1991.-236p.

[4] Ниг.: Kelman H.C. Nationalism, Patriotism, and National Identity: Social-Psychological Dimensions [Text] / H.C. Kelman / Patriotism in the Lives of Individuals and Nations / ed. by D. Bar-Tal, E. Staub. Chicago. – 1997. – P. 165–189.

[5] Ниг.: Хабермас Ю. Гражданство и национальная идентичность – Демократия. Разум. Нравственность: московские лекции и интервью. [Текст] / Ю. Хабермас. – М.: Academia. - 1995. – 250с.

[6] Ниг.: Бройи Дж. Подходы к исследованию национализма // Андерсон Б., Бауэр О. Нации и национализм. [Текст] / Дж. Бройи – М.: Праксис, 2002. С. 201-235.

[7] Ниг.: Хантингтон С. Кто мы? Вызовы американской национальной идентичности. [Текст] / С. Хантингтон. - М., 2004. - 448с.

[8] Ниг.: Boerner P. Concepts of National Identity. An Interdisciplinary Dialogue[Text] / P. Boerner. - Baden-Baden, 1986. – 262p.

[9] Ниг.: Taylor Ch. Sources of the Self. The Making of the Modern Identity [Text] / Ch. Taylor. – Cambridge, 1996. – 601 p.

[10] Ниг.: Miller D. Citizenship and National Identity. [Text] / D. Miller Cambridge: Polity. 2000. – 216p.

[11] Ниг.: Tajfel H., Turner J. C. An integrative theory of intergroup conflict [Text] / H. Tajfel, J. C. Turner // The social psychology of intergroup relations / Ed. W. G. Austin, S. Worchel. – Monterey, CA: Brooks-Cole, 1979. – P. 33–48.

[12] Ниг.: Геллнер Э. Нации и национализм. [Текст] /Э. Геллнер. – М.: Прогресс. 1991. – 320с.

институтҳои демократӣ ва иштироки фаъоли шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсии дилхоҳ кишвар, заминаи асосии ташаккули ҳувият мебошад.

С.Хантингтон ва А.Д.Смит дар таҳқиқоти худ бештар ҳувияти миллиро ҳамчун тарҳ (конструкт) - и сиёсӣ арзёбӣ карда, мақоми ин падидаро дар сиёсатшиносӣ муаррифӣ ва муайян карданд.

Дар фазои пасошӯравӣ таҳқиқоти масоили ташаккул ва таҳкими ҳувият, хусусан ҳувияти миллиро бештар дар Россия ба анҷом расонидаанд. Дар ин ҷо зикр намудани номи олимони барҷасти рус В.А. Тишков[1], В.А.Ядов[2], В.М. Пивоев[3], Н.Г.Скворцов[4] ҷоиз аст.

Роҷеъ ба паҳлуҳои гуногуни ташаккул ва таҳкими ҳувияти миллии шаҳрвандони Тоҷикистон, хусусан ҷавонон, асарҳои пурарзиши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон (Раҳмонов Э.)[5] ба ҳайси бунёди назариявӣ-методологии диссертатсияи мо қарор гирифтааст. Татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон, тарбияи онҳо дар рӯҳияи ватандӯстӣ, таҳкими ҳувияти миллии онҳо аз рӯзҳои аввали ба арсаи сиёсӣ омадани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар меҳвари фаъолияташон ҷойгир буд. Ба ҳамин хотир дар тамоми асарҳои илмӣ, суханрониҳо дар назди ҷавонон, паёмҳои ҳарсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мардуми кишвар ҳатман мавзӯи ҷавонони тоҷик баррасӣ мегардад. Андешаҳои стратегии роҳбари кишвари мо оид ба ҷавонони мамлакат аз ҷониби ҳамаи қишрҳои ҷомеаи тоҷик ба сифати дастури методӣ, роҳнамои фаъолият дар ин самт истифода бурда мешавад.

Дар даврони Истиқлоли давлатии Тоҷикистон аз ҷониби донишмандони ватанӣ дар мавзуи ҳувияти миллӣ, идеяи миллӣ ва худшиносии миллии тоҷикон як силсила китобу мақолоти илмӣ ба нашр расидааст, ки дар ин миён метавон аз таҳқиқотҳои арзандаи

---

[1] Ниг.: Тишков В.А. Реквием по этносу. [Текст] / В.А. Тишков. – М.: Наука, 2003. – 497 с.

[2] Ниг.: Ядов В.А. Социальные и социально-психологические механизмы формирования социальной идентичности личности [Манбаи электронӣ]. URL: https:// cyberleninka. ru/ article /n/sotsialnye-i-sotsialno-psihologicheskie-mehanizmy-formirovaniya-sotsialnoy-identichnosti-lichnosti (санаи муроҷиат: 15.01.2021)

[3] Ниг.: Пивоев В.М. Этнос и нация: проблемы идентификации. [Текст] / В.М. Пивоев. – М: Директ-Медиа, 2013. – 111 с.

[4] Ниг.: Скворцов Н.Г. Проблема этничности в социальной антропологии. [Текст] / Н.Г. Скворцов– СПб.: СПбГУ, 1996. – 183 с.

[5] Ниг.: Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби 3.[Матн] / Э.Раҳмонов. Душанбе: «Ирфон», 2006. – 228 с. Раҳмон Э. Ҷавонон - созандагони фардои ҷомеа. [Матн] / Э.Раҳмон. – Душанбе: Деваштич, 2008. – 222с.; Раҳмон Э. «Забони миллат-ҳастии миллат» [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе, «Эр-граф», 2016. – 516с.; Раҳмон Э. Уфуқҳои Истиқлол. [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: ”Ганҷ-Нашриёт”, 2018. – 436с.;

Г.Н.Зокиров[1], С.Ҷононов[2], П.Шозимов[3],Х.У. Усмонзода (Идиев Х)[4]., А.С.Саидов[5], Р.Ҷ.Ҳайдаров[6], М.У. Хидирзода[7], М.А.Абдуллоев(М.А. Абдуллозода) [8] номбар намуд.

Дар таҳқиқоти худ С.Ҷононов бо таҳлили омилҳои маънавӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсӣ ташаккули худшиносии миллӣ, бар асоси навтарин абзорҳои методологӣ машғул гардидааст. П.Шозимов бошад бори аввал мушкилоти марбут ба ташаккули ҳувияти муосири тоҷиконро дар мисоли омӯзиши чунин шаклҳои рамзӣ, аз қабили: забони миллӣ, ёдгориҳо, кӯчаҳо, пули миллӣ ва рамзҳо, нишони давлатии ҷумҳурӣ таҳқиқ мекунад.

Дар таҳқиқоти Р.Ҷ. Ҳайдаров масоили ҳувияти миллӣ бештар дар иртибот бо мавзӯи ҷаҳоншавӣ, набардҳои геополитикӣ, мубориза бар зидди паҳншавии ақидаҳои ҷоҳилона ва ифротгароии мутаассибони

---

[1] Ниг.: Зокиров Г.Н. Истиқлолияти сиёсӣ [Матн] / Г.Н. Зокиров. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 158 с.; Зокиров Г.Н. Системаи сиёсӣ: масъалаҳои рӯз ва дурнамои инкишоф [Матн] / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2011. – 350 с.

[2] Ниг.: Джононов С. Формирование национального самосознания в условиях государственного строительства Таджикистана [Текст]: дис ... д-ра филос. наук / С. Джононов. – Душанбе, 2010. – 257 с.;

[3]Ниг.: Шозимов П.Д. Таджикская идентичность и государственное строительство в Таджикистане [Текст]: дис ... д-ра филос. наук. / П.Д. Шозимов. – Душанбе, 2006. – 251 с.;

[4] Ниг.: Идиев Х.У. Тоҷикистон дар масири тағйироти иҷтимоӣ [Матн] / Х.У. Идиев. – Душанбе, 2016. – 119 с.

[5] Ниг.: Саидов А.С. Национальный образ жизни и традиционное общество [Текст]/ А.С. Саидов. – Душанбе, 1989. – 132 с.; Боз вай. Нация как субъект социального действия. [Текст] / А.С. Саидов. – Минск, 1999. – 247с.; Саидов А.С. Национальная синергия и переходный период. [Текст] / А.С. Саидов. – Душанбе, 2005. – 196с.

[6] Ниг.: Хайдаров Р.Дж. Влияние процесса глобализации на трансформацию таджикского общества: дис. … д-ра филос. наук [Текст] / Р. Дж. Хайдаров. – Душанбе, 2007. – 265 с.; Боз вай. Тоҷикистон дар масири таҳкими истиқлоли давлатӣ: ҷанбаи иҷтимоӣ-сиёсӣ. [Матн] - Душанбе: “Шоҳин С”.-2020.-108с.; Боз вай. Роҳҳои пешгирӣ намудани раванди ҷалби ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротгароии динӣ: ҷанбаи иҷтимоӣ-сиесӣ [Матн]/ Р.Ҷ.Ҳайдаров Р.Ҷ., Ҳ.Ҳ.Хоҷаев // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ. №2, 2018. -*С*.90-93.; Боз вай. Моҳият ва хусусияти ватандӯстӣ: таҳлили консептуалӣ [Матн] / Р.Ҷ. Ҳайдаров, С.М.Қурбонов // Паёми ДМТ Ҷумҳурии Тоҷикистон. №11, 2018. – С.268-274.; Боз вай. Низоъи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон: сабабҳо ва омилҳои асосӣ [Матн]/ Р.Ҷ.Ҳайдаров // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ №3. – 2020. – С. 105-111.

[7] Ниг.: Хидирзода, М.У. Пешвои миллат ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ [Матн] / М.У. Хидирзода // Пешвои миллат. – Душанбе, 2016. – С.148- 158.

[8] Ниг.: Абдуллоев М.А. Проблемы эволюции национальной идентичности в таджикской публицистике: конец XIX - первая половина XX веков [Текст]: дис ... д-ра филол. наук / Абдуллоев М.А. – Душанбе, 2011. – 343с.; Абдуллозода М.А. Масъалаҳои эҳёи ҳувияти ориёӣ дар замони истиқлоли давлатӣ [Матн] / М.А. Абдуллозода // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯза. №1(73). – 2021. – С. 268-280.

динӣ дар ҷомеаи тоҷик баррасӣ гардиданд. Ба ақидаи ӯ ҳувияти миллӣ абзори калидӣ дар муқовимат бар идеологияи экстремистию динӣ мебошад.

Бевосита дар мавзуи ҷавонони тоҷик таҳқиқоти Қ.А.Миралиён (Қ.Миралиев)[1]., Н.Д.Бӯриев[2], Р.Н.Асадуллоев[3], А.К.Хусайнов[4], В.М. Набиев[5] шоистаи таваҷҷуҳ мебошанд.

Дар онҳо масоили марбут ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёти ҷавонони тоҷик, масоили сотсиализатсияи ҷавонон, омилҳои ташаккули ҷаҳобинии ҷавонон, сатҳи ҳувияти миллии ҷавонони тоҷик дар даврони Истиқлоли давлатии Тоҷикистон, тарбияи ватандӯстии ҷавонони тоҷик, баланд бардоштани эҳсоси худшиносии миллии ҷавонон, татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар замони соҳибистиқлолии кишвар, нақши Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,нақши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар амалишавии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

Хусусан дар асарҳои Қ.А.Миралиён, ки бештар бо таҳқиқоти масоили ҷавонони тоҷик машғул шудааст, мавзӯҳои сиёсати давлатии ҷавонон, ювенология, ҳамкории давлат бо ташкилотҳои ҷавонон, иштироки ҷавонони тоҷик дар идоракунии давлат, сотсиализатсияи сиёсии ҷавонон, тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, ташаккули ҳувияти миллии ҷавонон баррасӣ шудаанд.

---

[1] Ниг.: Миралиев Қ.А. Президент ва ҷавонон. [Матн] / Қ.А. Миралиев. - Душанбе: Тараққиёт. 2013.-55с.; Боз вай. Ҷавонон ва 20 соли истиқлолият. [Матн] / Қ.А. Миралиев. - Душанбе. 2012. -272 с.; Боз вай. Рушди сиёсати ҷавонон дар Тоҷикистон дар асри XXI. [Матн] /К.Миралиев // Душанбе: Шуҷоиён. 2010. – 225 с.; Боз вай. Реализация государственной молодёжной политики и ёё роль в укреплении потенциала молодёжных движений Таджикистана в условиях современного общества. [Текст]/ К.Миралиев. – Душанбе: Рафиграф. 2006. – 186с. Боз вай. Эълон гардидани соли 2017 “Соли ҷавонон” амри таърихист [Матн] / Қ.Миралиён //Ваҳдат. Давлат. Президент. Ҷ. XXVII. – Душанбе: “Истеъдод”. 2017. – С.180-199

[2] Ниг.: Буриев Н.С. Государственная молодежная политика в Республике Таджикистан [Текст]: дис. … канд.полит. наук / Н.С. Буриев. – Душанбе, 2014. – 161 с.

[3] Ниг.: Асадуллоев Р. Н. Молодежь в процессах демократизации общественной жизни: На примере Республики Таджикистан дис. … канд. полит. наук [Текст] / Р.Н.Асадуллоев. – Душанбе, 2004. – 163с.

[4] Ниг.: Хусайнов А. К. Формирование мировоззрения молодёжи в условиях демократизации общества: опыт Таджикистана Молодежь в процессах демократизации общественной жизни: на примере Республики Таджикистан дис. … канд. полит. наук [Текст] / А.К.Хусайнов. – Душанбе, 2007. – 169с.

[5] Ниг.: Набиев В.М. Созандагони Тоҷикистони соҳибистиқлол. [Матн] / В.М.Набиев. – Душанбе: Ирфон. 2013. – 340с.

Дар баробари ин, бояд таъкид кард, ки хусусиятҳои пайдоиш, ташаккул ва рушди худшиносӣ ва ҳувияти миллии тоҷикон, хусусан ҷавонони тоҷик дар даврони Истиқлоли давлатӣ ва дар шароити дигаргуншавии ҷомеаи тоҷик ҳанӯз ҳамаҷониба омӯхта нашудаанд. Барои дақиқтар омӯхтани масоили таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон, мо таҳқиқоти худро дар доираи методи таҳқиқоти байнисоҳавӣ, яъне дар ҳудуди илмҳои сиёсатшиносӣ, фалсафаи иҷтимоӣ, сотсиология, психология, муносибатҳои байналмилалӣ ва таърих ба анҷом расонидем. Ин усул ба мо имкон медиҳад, ки ҳама паҳлуҳои масъалаи таҳқиқшаванда мавриди пажӯҳиши дақиқ ва таҳлил қарор гирад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия мутобиқи нақшаи корҳои илмӣ–таҳқиқотии шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ таҳти унвони «Мавқеъ ва нақши ниҳодҳои давлатӣ дар таъмини суботи сиёсии ҷомеаи тоҷик» барои солҳои 2021-2025 ба анҷом расонидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** омӯзиши ҷанбаҳои сиёсӣ-иҷтимоии масъалаҳои таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони тоҷик дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ва муайян кардани роҳу равишҳои нав дар ин раванд аст.

**Объекти таҳқиқот** ҳувияти миллии ҷавонони тоҷик дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон мебошад.

**Предмети таҳқиқот** асосҳои арзишӣ, усулҳо ва механизмҳои таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони тоҷик дар раванди дигаргуншавии ҷомеа мебошад.

Барои дар амал расидан ба мақсадҳои таҳқиқот, вазифаҳои зерин муайян карда шуданд:

- таҳлил ва муқоисаи равишҳои консептуалӣ оид ба падидаи ҳувият дар илмҳои иҷтимоӣ ва гуманитарӣ;
- муайян кардани замина ва омилҳои сиёсӣ-иҷтимоии ташаккули ҳувияти миллӣ ҳамчун тарҳи сиёсӣ;
- арзёбии сиёсати давлатии ҷавонон дар ташаккул ва таҳкими ҳувияти миллии насли наврасу ҷавони тоҷик
- омӯзиши нақши Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар ташаккул ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони кишвар
- таҳқиқи имкониятҳои падидаи ҳувияти миллӣ дар ҳифзи ҷавонони тоҷик аз таъсири идеологияи экстремизми динӣ.

**Фарзияи таҳқиқот.**Сатҳи олии ҳувияти миллии ҷавонон уснури муҳими ташаккули руҳияи ватандӯстии ҷавонон ва омили муҳими пешгирӣ намудан дар раванди ҷалби ҷавонон ба сафҳои ифротгароён

маҳсуб мееёбад. Ҳувияти миллӣ ҳамчун воситаи муҳимму муассир дар ҳалли мушкилоти мухталифи ҷомеа фаъолият менамояд. Мақом ва нақши он дар амалишавии самтҳои эътирофгаштаи сиёсати бузург ва соҳавӣ, дар ҳалли мушкилот ва рафъи монеаҳои мухталифи ҷамъиятӣ муҳим аст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти** мазкурро асарҳои замонавии сиёсӣ, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, таҳқиқоти сиёсии махсуси ташаккул ва таҳкими ҳувияти миллӣ ташкил медиҳанд. Дар раванди таҳқиқот муаллиф ба асарҳои классикии таҳқиқи масъалаҳои мухталифи ҷомеаи ҳувияти миллӣ, айният ва тафовутҳои он, асарҳои муҳаққиқони макон ва замони мухталиф, аз ҷумла асарҳои муҳаққиқони замони муосир, ки ифодагари раванди ташаккулива таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон, такя намуда, дар доираи таҳлили мантиқӣ ва хулосабарориҳои илмию назариявӣ тарҳи нави муносибати методологӣ ва ҳалли масъалаҳои инкишофро пешниҳод менамояд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот**. Асоси методологии тадқиқотро усулҳои иҷтимоӣ-фалсафии маърифат (диалектикӣ, таърихӣ-мантиқӣ, системавӣ-таҳлилӣ) ташкил медиҳанд. Барои ноил шудан ба ҳадафи ин тадқиқот, усулҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, сохторӣ ва функсионалӣ васеъ истифода шуданд. Методи таҳлил ва таҷзия имкон дод, ки таърифҳои гуногуни мафҳуми ҳувияти миллӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, хусусиятҳои бевоситаи онҳо нишон дода шаванд. Истифодаи методи муқоисавӣ барои омӯзиши назарияҳои ҳувияти миллӣ, ки дар мактабҳои илмии давлатҳои пешқадами дунё ба вуҷуд омаданд, шароити хуби методологӣ фароҳам овард. Таҳлили системавӣ ва сохторию функсионалӣ барои омӯзиши унсурҳои таркибии ҳувияти миллӣ шароити мусоид муҳайё сохта, ба воситаи он роҳу услуҳои муосири таҳкими ҳувиятии миллии ҷавонони тоҷик муайян карда шуд. Дар раванди таҳқиқоти мазкур муаллиф ба консепсияҳои классикӣ ва назарияи замони муосир такя намуда, қонуниятҳои рушду инкишофи ҳувияти миллиро дар ҷомеаи тоҷик бо назардошти онҳо муайян намудааст. Манбаъ ва заминаи амалии таҳқиқотро инчунин асарҳои олимон, сиёсатшиносони аз хориҷи дур, Россия ва Тоҷикистон; маводи омори давлатӣ ва идоравӣ, фармонҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақолаҳои илмӣ ва оммавии матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил доданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** – дар диссертатсияи мазкур бори аввал дар илмҳои сиёсии ватанӣ масъалаи таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон ба дар даврони Истиқлоли давлатии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар раванди таҳқиқот масъалаҳои асосӣ дар

алоқамандӣ бо объект ва предмети таҳқиқот мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудаанд, ки онҳоро мушаххасан ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

- равишҳои консептуалӣ оид ба падидаи ҳувият дар илмҳои иҷтимоӣ ва гуманитарӣ муқоиса ва таҳлил гардиданд ;

- замина ва омилҳои сиёсӣ-иҷтимоии ташаккули ҳувияти миллӣ ҳамчун тарҳи сиёсӣ муайян ва асоснок карда шуданд;

- сиёсати давлатии ҷавонон дар ташаккул ва таҳкими ҳувияти миллии насли наврасу ҷавони тоҷик арзёбӣ гардид;

- нақши Истиқлоли давлатии Тоҷикистон дар ташаккул ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони кишвар мавриди омӯзиш қарор гирифт;

- имконияти ҳувияти миллӣ дар ҳифзи ҷавонони тоҷик аз таъсири идеологияи экстремизми динӣ таҳқиқ шуд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1.Асри XXI муҳаққиқон барҳақ асри иттилоот меноманд. Ин падидаи нав дар ҳаёти инсоният дар натиҷаи ҷаҳонишавӣ ба вуҷуд омад ва ба мундариҷаи ҳаёти онҳо тағйирот ворид сохт. Хусусан марҳилаи ниҳоии ҷаҳонишавӣ, яъне дар асоси Интернет ташаккул ёфтани фазои ягони иртиботӣ ба тақдири сиёсӣ ва истиқлоли давлатҳои миллӣ таъсири амиқ расонида истодааст. Дар натиҷаи интиқоли босуръат ва беназорати иттилооти гуногунмазмун ва фарҳангҳои гуногунмундариҷа дар тамоми дунё, хусусан дар муҳити ҷавонон, марҳилаи ташаккули ҳувияти космополитӣ ё худ ҳувияти ба ном фароинсонӣ сурат гирифта истодааст, ки он ба ояндаи давлатҳои миллӣ, фарҳангу забони миллӣ, менталитет ва ҳувияти миллӣ таъсири манфӣ расонида метавонад. Аммо асоси ҳувияти космополитикиро боз ҳамон меъёрҳои ҳаёти ғарбӣ, фарҳанги амрикоӣ ташаккул медиҳанд Аз ин ҷост, ки таваҷҷуҳи олимон дар мамлакатҳои гуногун ба дарку маънидод ва коркарди моделҳои нави ташаккул ва таҳкими ҳувияти миллӣ зиёд шуда истодааст. Муҳаққиқон ба чунин хулоса омадаанд, ки маҳз таҳкими ҳувияти миллӣ метавонад Истиқлоли давлатии дилхоҳ кишвари дунёро ҳифз намояд. Таърихи кишварҳо исбот намуд, ки ҳувияти миллӣ ҷавҳари Истиқлоли давлатиро ташкил медиҳад ва унсури калидии низоми сиёсии кишварҳои мустақил ба ҳисоб меравад. Азбаски мафҳуми ҳувияти миллӣ ҳамагӣ якчанд даҳсола ба муомилоти илмӣ овардааст, олимони соҳаи гуногун ба он таърифи гуногун медиҳанд. Ба ҳамин хотир ин падида имрӯз дар илмҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарӣ бо усули бисёрсоҳавӣ таҳқиқ мегардад. Сарфи назар аз тафовути таҳлили шароити ташаккул ва самти ҳувияти миллӣ, онро метавон, ҳамчун

нуқтаи ниҳоӣ дар раванди дарк ва эътирофи як шахс ё гурӯҳи иҷтимоӣ аз мансубияти онҳо ба ҷомеаи мушаххас дар натиҷаи пазируфтани арзишҳо, меъёрҳо, идеалҳои идоракунандаи як миллат шарҳ дод.

2. Дар ҳалли масъалаҳои консолидатсияи ҷомеа тарҳи (конструкт) ҳувияти миллӣ омили муҳим ба ҳисоб меравад. Ташаккул ва таҳкими ҳувияти миллӣ ба самти афзалиятноки фаъолияти давлати муосир ва ҷомеаи шаҳрвандӣ табдил меёбад. Омӯзиши сохтори ҳувияти миллӣ ҳамчун механизми рушди ҷомеаи муосир дар заминаи омӯзиши чунин ҷузъҳо, аз қабили таърихи миллат, хислат ва менталитети миллӣ, хотираи таърихӣ, идеологияи миллӣ, мансубияти фарҳангӣ ва тамаддунӣ бояд андешида шавад. Гузаштаи таърихӣ рисолат ва орзуҳои мардумро ба андозаи зиёд муайян мекунад. Огоҳӣ аз ҳувияти миллӣ, танҳо тавассути ворид шудан ба гузаштаи таърихӣ ба даст оварда мешавад ва омили муҳимми муттаҳидсозии ҷомеа мебошад. Истиқлоли сиёсӣ, забони миллӣ, фарҳанг ва иқтисодиёти миллӣ чаҳорчӯбаи ҳувияти миллии ҳар давлатро ташкил медиҳанд. Дар ташаккул ва таҳкими ҳувияти миллӣ ҳамчун тарҳи сиёсӣ чунин омилҳо ба мисоли сиёсати муваффақи забон, сиёсати мустақили хориҷӣ, сиёсати фарҳангӣ, сиёсати иқтисодии давлати миллӣ нақши муассир мебозанд.

3. Ҷавонон як категорияи калони муайянкунандаи аҳолӣ мебошад, ки дар рушди ҷомеа нақши бузург дорад. Ҷавонон ҳамчун объекти манфиатҳои миллӣ-давлатӣ, яке аз омилҳои асосии таъмини рушди давлат ва ҷомеа мебошанд. Ояндаи наслҳои афзоянда бояд бо вазифаҳои ҳифз ва рушди кишвар, давомнокии рушди таърихӣ ва фарҳангии аҳолӣ ва эҳёи Ватан пайванди ногусастанӣ дошта бошанд. Ҷаҳонбинӣ, сифат ва хусусиятҳои маънавии ҷавонони тоҷик, ки дар оянда ба идоракунии давлат меоянд, аз сатҳи ҳувият ва худшиносии миллӣ онҳо вобастагии амиқ дорад. Дар навбати худ барои дар рӯҳияи ватандӯстӣ, ки ҷавҳари ҳувияти миллиро ташкил медиҳад, тарбия намудани ҷавонон маҳз сиёсати муваффақи давлатии ҷавонон нақши муҳим дорад.

Сиёсати давлатии ҷавонон қисми таркибии сиёсати давлатӣ дар соҳаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ ва миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, системаи ҷудонашавандаи тадбирҳои иҷтимоию ҳуқуқӣ, фарҳангӣ, идоракунӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, илмӣ, иттилоотӣ мебошад. Он хусусияти кадрӣ дорад, ки ба фароҳам овардани шароити зарурӣ барои ҷавонон барои интихоби роҳи зиндагии худ ва иштироки онҳо дар равандҳои демократии Тоҷикистони соҳибистиқлол равона карда шудааст.

4. Истиқлоли давлатии Тоҷикистон яке аз омилҳои калидӣ дар раванди ташаккул ва таҳкими ҳувияти миллии шаҳрвандон, хусусан ҷавонони тоҷик ба ҳисоб меравад. Маҳз Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон имконият фароҳам оварад, ки ҳар як шаҳрванд, алалхусус ҷавонон, дар асоси Конститутсия аз ҳуқуқи конститутсионии худ дар интихоби касбу кор, дастрасӣ ба маориф ва тандурустӣ, истифодаи забони миллӣ, қонеъ гардонидани талаботҳои маънавии худ, пешбурди зиндагӣ дар асоси фарҳангу анъанаҳои миллии тоҷикон роҳ пеша намояд. Дар замони муосир доштани Истиқлолияти давлатӣ яке аз рукнҳои асосӣ дониста мешавад, ки бе он ҳеҷ миллате бақои худро ҳифз карда наметавонад. Ғояи истиқлол ҳамчун яке аз рукнҳои бунёдии озодии инсон дар тамоми давру замонҳо ҷузъи таркибии андеша ва ҳувияти миллии мо мебошад. Яке аз хусусиятҳои асосии миллати тоҷик доштани ҳисси мустақилият ва озодихоҳӣ ҳаст ва боқӣ хоҳад монд.

5. Дар давраи ҷаҳонишавӣ таъсири шабакаҳои иҷтимоии Интернет ба корҳои дохилӣ ва хориҷии кишварҳои соҳибистиқлол ба маротиб афзуда, аҳолии ин кишварро хусусан ҷавонон объекти мағзшӯӣ (манипулятсия)-и гурӯҳҳои гуногуни тахрибкори террористӣ мегарданд, ки ин хатари ҷиддӣ барои Истиқлоли давлатҳои миллӣ мегардад. Гурӯҳҳои террористӣ бо воситаи шабакаҳои иҷтимоӣ дар муҳити ҷавонони ноогоҳу бесавод идеологияи экстремизм ва радикализми динии худро паҳн намуда, онҳоро ба сафҳои худ мекашанд. Таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон, ки насли ояндаи идоракунандаи дилхоҳ давлат мебошанд, барои паҳншавии идеологияҳои тахрибкор монеаи ҷиддӣ эҷод месозад. Яке аз воситаҳои навини таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони тоҷик, ба назари мо ғанӣ сохтани фазои маҷозӣ, хусусан сегменти тоҷикии шабакаҳои иҷтимоӣ бо иттилоот дар бораи таърихи Тоҷикистон, асарҳои илмӣ ва адабӣ, дастовардҳои илму фарҳанги тоҷик, дастовардҳои иқтисодиёти кишвари мо аст. Ҷавононро ҳар чӣ бештар бояд барои эҷодкорӣ ва навоварӣ, идоракунии давлат ҷалб ва ҳавасманд намуд, то ин ки онҳо ҳамчун қишри фаъоли ҷомеа масъулиятро барои тақдири кишвар эҳсос намоянд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Диссертатсияи мазкур дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ ва омӯзиши равишҳои назариявӣ оид ба ҳувияти миллӣ анҷом дода шуда, дар он нисбат ба хусусиятҳои ташаккул ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон дар давраи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон хулосаҳои илман асоснокшуда баён гардидаанд. Бинобар ин, таҳқиқоти мазкур, пеш аз ҳама, дар шароити Тоҷикистон барои таҳқиқоти минбаъдаи масоили ҳувияти миллӣ заминаи илмию назариявӣ ба шумор меравад. Инчунин, дар

асоси таҳлилу таҳқиқи консепсияҳои илмӣ зарурати коркарди самтҳои нави таҳкими ҳувияти ҷавонони тоҷик дар замони дигаргуншавии ҷомеа нишон дода шудааст, ки барои асоснок намудани дурустии стратегияҳои давлатӣ ва сиёсати ҷавонон манфиатовар мебошад. Хулосаҳои бадастомада ба ҳаллу фасли масъалаҳои алоқаманд бо соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон мусоидат намуда, ба сифати асоси назариявӣ барои гузаронидани таҳқиқотҳои минбаъдаи илмӣ, инчунин таҳияи сиёсати давлатии фарҳангӣ ва маориф хизмат мекунанд. Маводи кори диссертатсиониро зимни корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, гузаронидани чорабиниҳои давлатӣ, таҳияи курсҳо, дастурҳои таълимӣ, барномаҳо доир ба фанҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ, инчунин гузаронидани машғулиятҳо бо донишҷӯён ва аспирантон истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот**. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро дақиқӣ ва саҳеҳии маълумот, кифоя будани ҳаҷми мавод, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, гузаронидани таҳқиқи эътимодноки рисолаи диссертатсионӣ тасдиқ мекунад. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи “ Масоили таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон: ҷанбаи сиёсӣ-иҷтимоӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи таҳқиқоти диссертатсионӣ натиҷаи фаъолияти чандинсолаи илмии муаллиф мебошад. Муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот иштироки бевосита намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро мустақилона ҷамъбаст кардааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Рисолаи диссертатсионӣ дар маҷлиси васеъи Шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 17 январи соли 2021 (суратмаҷлиси №1) ва Шурои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 20 апрели соли 2023 (суратҷаласаи №4,) муҳокима гардида, бо қарори ҷаласаи шуъбаи сиесатшиносӣ ҳамчун кори илмии аслӣ баҳогузорӣ ёфта, барои дифоъ дар Шурои диссертатсионии 6D. КОА-001 тавсия гардидааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот ва муҳтавои асосии диссертатсия дар се маърӯзаи илмӣ дар конфронсҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ пешкаши олимону муҳаққиқони соҳа гардонида шудааст.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Натиҷа ва дастовардҳои таҳқиқот дар шаш мақолаи илмии муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва аз ҷониби КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба чоп расидаанд,

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯи мавзуъ дар ҳаҷми 179 саҳифаи компютерӣ иборат аст.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддимаи рисолаи диссертатсионӣ мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи коркарди илмии мавзуи интихобшуда таҳлилу баррасӣ гардида, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ нишон дода шудааст. Дар тавсифи умумии таҳқиқот объект ва мавзуи таҳқиқот, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию методологӣ ва илмию амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ зикр гардидаанд. Инчунин, дар муқаддима тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия нишон дода шудаанд.

Боби аввал – “**Асосҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши ҳувияти миллӣ**” унвон дошта, аз ду зербоб (параграф) иборат аст. Дар боби мазкур таваҷҷуҳи асосӣ ба асосҳои назариявӣ-методолигии таҳқиқи масоили ҳувияти миллӣ равона шудааст.

Дар зербоби якуми боби аввал – **“Равишҳои консептуалӣ ба таҳлили ҳувият дар илмҳои иҷтимоӣ ва гуманитарӣ ”** муаллифи рисола дидгоҳҳои консептуалиро оид ба таҳлили ҳувият дар илмҳои иҷтимоӣ ва гуманитарӣ мавриди баррасӣ қарор дода, зикр намудааст.

Масоили таҳқиқи ҳувияти миллӣ барои ҷомеаи тоҷик хеле мубрам мебошад ва он ба андозаи зиёд бо ташдиди равандҳои ҷаҳонишавӣ иртибот дорад. Дар замони муосир таваҷҷуҳ ба мушкилоти ҳифзи ҳувияти миллӣ дар давраи афзоиши ҷаҳонишавии шуури ҷамъиятӣ ба маротиб афзудааст,ки албатта ин раванд тасодуфан ба амал наомадааст.

Ҷаҳонишавии муосир, ҳамчун раванди тамаддунсози гуногунҷабҳа, падидаҳои зиёдеро ба бор меорад. Яке аз онҳо «бедоршавӣ»-и ҳувиятҳои гуногун мебошад, ки бо болоравии намудҳои анъанавӣ ва пайдоиши шаклҳои нави он тавсиф карда мешаванд. Имрӯз кишварҳо ва халқҳои муосир худ ба нуқтаҳои бархурди ҳувиятҳои гуногун мубаддал гаштаанд. Агар боибораи дигар бигуем, бархӯрди тамаддунҳо, пеш аз ҳама, бархӯрди ҳувиятҳо дар сатҳи глобалӣ мебошанд.

Имрӯз падидаи «ҳувият» мавзӯи таҳқиқоти кулли илмҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарӣ мебошад. Мафҳуми "ҳувият" дар психология, сотсиология, сиёсатшиносӣ ва илмҳои дигар дар робита бо инсон, шаҳрванд, миллат, давлат ва ғайра истифода мешавад. Баррасӣ ва таҳлили равишҳои гуногуни консептуалӣ фаҳмиши амиқ ва заминаи васеи назариявиро барои ин категорияи илмӣ ташкил медиҳанд. Муҳаққиқони ин масъалаи илмӣ то имрӯз дар мавриди он, ки "ҳувият" ҳамчун падида аз ҷониби кӣ кашф гардидааст, ба тавофуқ нарасиданд. Худи масъалаи ҳувият дар замонҳои қадим аз ҷониби файласуфони қадим ба миён гузошта шуда буд.

Масоили ҳувият дар афкори фалсафии қадим ҳам мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Суқрот низ дар асари «Худро бишнос»-и худ ин падидаро мавриди таҳлил қарор додааст. Дар анъанаҳои таърихи фалсафа ҳувият тавассути консепсияи ҳувият (фалсафаи классикӣ) ё тавассути категорияи тафовут тавсиф мешавад, ки онро фалсафаи муосир фаъолона истифода мекунад. Сарчашмаҳои фаҳмиши классикии ҳувиятро дар Арасту ёфтан мумкин аст [1].

Аммо, мафҳуми «ҳувият» -ро бори аввал дар муомилоти илмӣ олими англис Э.Эриксон солҳои 70-ум асри XX ҷорӣ карда буд. Э.Эриксон ҳувияти психологиро ҳамчун тасвири устувори «Ман» ва роҳҳои мувофиқи рафтори инсон мешуморад, ки дар тӯли ҳаёт ташаккул ёфтаанд ва шарти солимии равонӣ мебошанд[2].

Тибқи ақидаи Э.Эриксон, ҳувият дар ду сатҳ вуҷуд дорад. Сатҳи аввалини инфиродӣ "ман - ҳувият" худро ҳамчун падидаи воҳид дарк мекунад ва давом ёфтани ҳаёти худро дар замон ва фазо эҳсос мекунад. Дуюм, сатҳи иҷтимоӣ, аз дарки он воқеият иборат аст, ки дигарон ҳувият ва давомнокии ҳаёти манро эътироф мекунанд. Ҳар яке аз ин сатҳҳои ҳувият дорои ду қутб аст: мусбат - шахс бояд аз нигоҳи муҳити

[1] Ниг.: Аристотель. О душе [Текст] / Аристотель // Сочинения. В 4 т. Т. 1– М.: Мысль, 1975. – С. 439.
[2] Ниг.: Эриксон Э. Идентичность: юность и кризис [Текст] / Э. Эриксон. – М.: Флинта, 2006. – 353с.

иҷтимоии худ чӣ гуна бошад; ва манфӣ - он чизе, ки инсон набояд бошад. Барои рушди пешрафт зарур аст, ки ҳувияти мусбӣ бар ҳувияти манфӣ бартарӣ дошта бошад, аз ин рӯ Э.Эриксон тамоми давраи ҳаётро ба ҳашт марҳила тақсим кард, ки ҳар яки онҳо вазифаҳои мушаххас доранд ва метавонанд мусбат ё номусоид ҳал карда шаванд. Э.Эриксон инчунин мафҳуми "буҳрони шахсият"-ро ҷорӣ кард. Ба назари ӯ инсон намефаҳмад, ки ҳувият, хоҳишҳо ва ҳиссиёти ӯ аз куҷо сар мешавад ва хотима меёбад ва ҳудуди "Дигарон" (дигар инсон) аз куҷо оғоз меёбад. Ҳар як инсон буҳрони ҳувиятро метавонанд дар ҳар лаҳзаи ҳаёти худ эҳсос кунанд. Ин ҳолат инчунин дар натиҷаи аз ҷониби шахс ё давлат эътирофи нагардидани вежагӣ ва арзиши дигарон пайдо мешавад. Аз ин гуна буҳрон бо ду роҳ баромадан имконпазир аст – бо роҳҳои конструктивӣ (созанда) ва ё деструктивӣ (тахрибкор). Роҳи аввал ба ҷустуҷӯи ҳувияти нав ва роҳи дувум ба баланд шудани мақом бо мақсади ба даст овардани қудрат бар "Дигарон" амалӣ мегардад .

Назарияи ҳувиятро ба чор гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст: назарияҳои психоаналитикӣ, интерактсионализми рамзӣ, психологияи маърифатӣ ва конструктивизм.

Ба ташаккулёбии ҳувияти фард афкору дарки атрофиёнаш таъсири калон мерасонад. Агар ҳангоми ворид шудан ба муҳити нав шахс худро дар он ҷо ғариб эҳсос намояд , пас худи ӯ худро ғариб ҳисобидан мегирад.

Ба назари мо, ҳувият ҳамчун категорияи муҳимтарини донишҳои муосири иҷтимоӣ ва гуманитарӣ бояд низоми мураккаби диалектикии таъсири мутақобилаи якпорчагӣ, итминон, «худшиносӣ»-и ҷомеаҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоиро инъикос намояд.

Дар ҳақиқат мафҳуми «ҳувият» аз ҳад зиёд сермаъно аст, ки онро муаллифони гуногун бо тарзҳои гуногун шарҳ медиҳанд, яъне он ҳамчун назария, консепсия, хусусияти психикаи инсон, категорияи амалияи иҷтимоӣ ва сиёсӣ, мавзӯи инъикоси илмӣ, омили сиёсӣ маънидод мегардад.

Ҳувият, албатта унсури асосии воқеияти субъективӣ мебошад. Мисли ҳама гуна воқеияти субъективӣ, он дар муносибатҳои диалектикӣ бо ҷомеа қарор дорад. Ҳувият тавассути равандҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ шакл мегирад. Пас аз шакл гирифтан, муносибатҳои иҷтимоӣ онро метавонад маҳфуз дорад, тағйир диҳад ё ҳатто ислоҳ кунанд. Равандҳои иҷтимоие, ки бо ташаккул ва нигоҳ доштани ҳувият алоқаманданд, аз ҷониби сохтори иҷтимоӣ муайян карда мешаванд. Ва баръакс, ҳувиятҳое, ки тавассути ҳамкории шуури инфиродӣ ва сохтори иҷтимоӣ ба вуҷуд омадаанд, ба сохтори муайяни иҷтимоӣ вокуниш

нишон медиҳанд, онро дастгирӣ мекунанд, тағйир медиҳанд ё ҳатто ислоҳ мекунанд. Ҳувият падидаест, ки аз муносибати диалектикии байни шахс ва ҷомеа бармеояд.

Имрӯз мафҳуми «ҳувият» хусусияти бисёрназариявӣ ва байнисоҳавиро ба худ касб намудааст. Равишҳои мухталиф оид ба омӯзиши ҳувият инъикосгари мураккаб ва гуногунҷанба будани ҳам падидаи воқеии ҳувият ва ҳам худи мафҳум мебошанд.

Дар зербоби дуюми боби аввал –“ **Ҳувияти миллӣ ҳамчун тарҳи сиёсӣ: замина ва омилҳои ташаккули он**” диссертант ҷанбаи сиёсии падидаи ҳувияти миллиро таҳқиқ намудааст.

Яке аз тарҳҳои маъмултарин, ки назарияи сиёсиро бо ниёзҳои иштирокчиёни раванди сиёсӣ мепайвандад, мафҳуми «ҳувияти миллӣ» мебошад, ки барои таъмин намудани таҷдиди тартиботи ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар маҷмӯъ ва қонунигардонии самтҳои мушаххаси сиёсӣ пешбинӣ шудааст.

Дар ҷаҳони муосир барои ҳар як давлат масъалаи ҳувияти миллӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Давлати тавоно ва пойдорро бидуни ваҳдати миллӣ, ҳисси ҷомеаи миллӣ, манфиатҳо ва арзишҳои муштараки миллӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ваҳдати миллӣ ҳар қадар мустаҳкамтар бошад, масъулияти шаҳрвандӣ ҳамон қадар баландтар ва эҳтимолияти амалҳои муштарак ба номи миллати онҳо зиёдтар мешавад.

Ба даст овардан Истиқлолият барои давлатҳои пасошӯравӣ маънои онро надошт, ки шаҳварндони он боиси фавран ба як миллати воҳиду ягона муттаҳид мегарданд. Азбаски миллат на танҳо дар раванди рушди тӯлонии таърихӣ ташаккул мeёбад, балки натиҷаи кӯшишҳои мақсадноки элитаи зеҳнӣ ва давлат мебошад, элитаи миллии давлатҳои тозаистиқлол ба ташаккули стратегияҳои бунёдӣ миллат ва ҳувияти миллӣ рӯ оварданд.

Мо мутмаинем, ки ҳувияти миллӣ ин як тарҳи сиёсӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки аз ҷониби элитаҳои миллӣ ва давлат ташаккул меёбад. Барои ташаккули фазои ягонаи фарҳангӣ, таърихӣ, сиёсӣ ва эҷоди як системаи идентификатсия аз ҷониби давлат сиёсати миллӣ, таърихӣ, забонӣ амалӣ карда мешавад.

Ҳувияти миллӣ дорои хусусияти таҳрикӣ мебошад ва ба ҳамин хотир он метавонад марҳилаҳои гуногуни ҳастии таърихии миллатро сабт намояд. Натиҷаҳои марҳилаи мушаххаси таърихиро арзёбӣ карда, барои рушди миллат самти навро сохтан мумкин аст. Хотираи гузашта дар сохтори шуури коллективии ҷомеаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла ҷамъиятҳои миллӣ мавҷуд аст. Хотираи иҷтимоӣ яке аз омилҳои

сохтани ҳувияти миллӣ мебошад. Ҳувияти миллӣ дар раванди дарки миллат аз таърихи худ, вазъи кунунии он ва инчунин дурнамои эҳтимолӣ сохта мешавад.

Сиёсати таърихӣ муҳимтарин омили бунёди миллат ва ҳувияти миллӣ мебошад. Ҳувияти миллӣ бунёди амиқ барои ба субъекти комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳони мубаддал гаштани дилхоҳ кишвар ва миллат мебошад. Ҳувияти миллӣ тасвири устувори давлат ва миллат дар шуури омма мебошад. Таҳқиқоти мо нишон дод, ки омилҳое, ки ба ташаккули ҳувият таъсир мерасонанд, инҳоянд: давлат, иқтисодиёт, забон ва фарҳанг. Аммо дараҷаи таъсири онҳо гуногун аст. Дар ҷараёни таҳлил муайян карда шуд, ки забон, фарҳанг ва иқтисодиёти миллӣ чаҳорчӯбаи ҳувияти миллии шаҳрвандонро дар дилхоҳ давлати ҷомеаи ҷаҳонӣ ташкил медиҳанд.

Ҳувияти миллӣ ҳамчун тарҳи\конструкти сиёсӣ дар ҳалли масъалаҳои иттиҳоду ваҳдати ҷомеа омили муҳим ва калидӣ ба ҳисоб меравад. Омӯзиши маводи илмии муҳаққиқони хориҷӣ имрӯз собит менамояд, ки "ҳувияти миллӣ" имрӯз яке аз категорияҳои маъмултарин ва паҳншудаи сиёсӣ мебошад, ки робитаи устувори муколамаи илмии назарияи сиёсиро бо амалияҳое, ки фаъолони раванди сиёсӣ дар саросари ҷаҳон анҷом медиҳанд, таъмин менамояд. Русия, Чин[1] ва Иёлоти Муттаҳида Амрико[2] , бо тамоми гуногунии тафовутҳое, ки ба анъанаҳои сиёсӣ ва тартиботҳои ин кишварҳо хосанд, ҳадди ақал як хусусияти умумие доранд, ки раванди сиёсии онҳоро тавсиф мекунанд: дар ҳар кадоми ин кишварҳо кор бо "ҳувияти миллӣ" ҳамчун як вазифаи ҷудогонаи сиёсати давлатӣ эътироф карда мешавад ва унсури муҳимми рӯзномаи сиёсати ин кишварҳо мебошад.

Зарфияти муттаҳидсозии падидаи "ҳувияти миллӣ", чуноне ки таҷрибаи таърих нишон медиҳад, барои сафарбаркунии иҷтимоӣ-сиёсӣ ва қонунӣ кардани дурнамои сиёсии дилхоҳ давлат хеле бузург аст.

Дарки мафҳуми "ҳувияти миллӣ" ба дарки саҳеҳи мафҳуми "миллат" иртиботи қавӣ дорад. Бинобар ин зарур аст бифаҳмем, ки миллат чӣ гуна падида аст ва ин категория ба ташаккул ва рушди низоми сиёсати давлат чӣ гуна таъсир мерасонад.

---

[1] Ниг.: Walton J. (2012). Chinese Nationalism and Its Future Prospects: Interview with Yingjie Guo. [Манбаи электронӣ]. URL [Манбаи электронӣ]. URL http://www.nbr.org/downloads/pdfs/Outreach/Guo_interview_06272012.pdf (санаи муроҷиат: 25.02.2021).

[2] Ниг.: Prager D. (2015) Is National Identity Necessary in Modern America? [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.nationalreview.com /article/424410 /national-identity-necessary-modern-america-dennis-prager (санаи муроҷиат: 25.03.2021).

Ҳувияти миллӣ бунёди амиқ барои ба субъекти комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ мубаддал гаштани дилхоҳ кишвар ва миллат мебошад. Ҳувияти миллӣ тасвири устувори давлат ва миллат дар шуури омма мебошад. Мо мутмаинем, ки ин навъи ҳувият асоси худмуайянкунии сиёсӣ ва иҷтимоиву фарҳангии Тоҷикистон, имконияти интихоби модели давлатдорӣ ва навъи рушд, тамоилҳои сиёсати геополитикӣ ва хориҷии кишвари мо мебошад.

Дар ин қарина ҳамчунин қайд кардан ҷоиз аст,ки маҳз ҳувияти миллӣ барои иттиҳод ва суботи дохилии ҷомеа масъул буда, низоми сиёсӣ ва иқтисодии дар давлат мавҷудбударо танзим менамояд. Фаъолияти ниҳодҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, муассисаҳои иҷтимоӣ танҳо дар сурате муваффақ хоҳанд шуд, ки агар онҳо бо ҳувияти миллии мавҷудаи кишвар мувофиқат кунанд.

Ташаккули ҳувияти миллӣ ва ватандӯстии ҷавонон яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Миллати тоҷик, ки се даҳсоларо таҳти сиёсати оқилонаву одилонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сипарӣ намуда истодааст, ба муваффақиятҳои беназир ноил шуд, ки саҳми ҷавонон низ дар ин дастовардҳо назаррас мебошад. Ин гуфта аз суханони Пешвои миллат маншаъ мегирад, ки борҳо фармудаанд: «Мо ифтихор дорем, киҷавонони бонангу номуси мо давомдиҳандагони кору фаъолияти насли калонсол, неруи тавоно ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, яъне ояндаи давлату миллат мебошанд»[1]. Масоили таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон ҳамчун неруи пешбарандаи миллатти тоҷик дар параграфҳои минбаъдаи ҳамин диссертатсия муфассалтар баррасӣ хоҳад шуд.

Боби дуюм – “**Таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони тоҷик дар шароити дигаргуншавии ҷомеа :самтҳо ва усулҳои муосир** ” унвон дошта, аз ду зербоб (параграф) иборат аст. Дар боби мазкур таваҷҷуҳи асосӣ омӯзиши механизмҳои таҳкими ҳувияти миллӣ дар муҳити ҷавонон равона шудааст.

Дар зербоби якуми боби дуюм “**Сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун омили калидии ташаккули ҳувияти миллии насли наврасу ҷавони тоҷик**” масоили татбиқи сиёсати давлати ҷавонон дар ҷомеаи тоҷик пажӯҳиш гардидааст.

Сиёсати ҷавонон ин системаи тадбирҳо оид ба беҳтар намудани сармояи инсонии ҷавонон тавассути фароҳам овардани шароит ва фароҳам овардани имкониятҳо барои худамалисозӣ ва сармоягузорӣ ба

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ [Манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/21975 (санаи муроҷиат: 25.03.2023).

қисми фаъолтарини аҳолӣ барои тағйироти устувори мусбӣ дар иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоӣ мебошад.Дар умум, сиёсати давлатии ҷавонон бо паҳлӯҳои мухталифи ҳамбастагии ҳаёти насли наврас, аз қабили некӯаҳволӣ, омӯзиш, иштироки демократӣ ва фарогирӣ сару кор дорад. Сиёсати ҷавонон барои ҷавонон шароит фароҳам меоварад то ин , ки онҳо имконият барои аз худ кардани дониш, малака ва муносибати заруриро барои пайдо кардани ҷойгоҳи худ дар ҷомеа, барои ба даст овардани мустақилият, иштирок дар равандҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ворид шудан ба бозори меҳнат дошта бошанд.

Сиёсати давлатӣ оид ба ҷавонон ин системаи афзалиятҳо ва тадбирҳои давлатиест, ки ба фароҳам овардани шароит ва имкониятҳо барои иҷтимоисозии бомуваффақият ва худшиносии самараноки ҷавонон, рушди иқтидори он ба манфиати Тоҷикистон нигаронида шудааст ва аз ин рӯ, барои таъмини иҷтимоӣ рушди иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар, умуман таъмини рақобатпазирии он дар арсаи ҷаҳонӣ ва таҳкими амнияти миллӣ равона гардидааст.

Сиёсати давлатӣ оид ба ҷавонон, пеш аз ҳама, муносибати ҷомеа, гурӯҳҳои гуногуни он, қишрҳо, институтҳои иҷтимоӣ ба ҷавонон ҳамчун як гурӯҳи иҷтимоӣ, инчунин худи ҷавонон ба дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ, институтҳои иҷтимоӣ ва арзишҳои ҷомеа мебошад; дувум, самти хосси фаъолияти давлат, ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар субъектҳои муносибатҳои иҷтимоиёт бо мақсади ба тарзи муайян таъсир расонидан ба иҷтимоӣ ва рушди иҷтимоии ҷавонон ва тавассути ин ба ҳолати ояндаи ҷомеа мебошад.

Ҷониби дигари сиёсати давлатӣ оид ба ҷавонон бо он муайян карда мешавад, ки низоми ғояҳои махсус, чорабиниҳои муайян, муассисаҳо, кадрҳои ин ё он субъекти ҳаёти сиёсӣ дар иртибот бо ҷавонон бо мақсади дастгирии хатти сиёсии онҳо, яъне субъекти ҳаёти сиёсӣ таҳия ва татбиқ карда мешавад.

Субъектҳои сиёсати ҷавонон неруҳои гуногуни ҷамъиятӣ мебошанд ва иқтидор онҳо муайян мекунанд, ки ин сиёсат чӣ гуна бояд сохта шавад.

Сиёсати давлатӣ оид ба ҷавонон нишон медиҳад, ки ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо имкониятҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, молиявӣ ва кадрии онҳо маҳдуд аст ва аксар вақт хусусияти эъломиявӣ дорад. Таҷриба нишон медиҳад,ки аксаран дар барномаҳои бисёр ҳизбҳои сиёсӣ вазифаҳои кор бо ҷавонон таҳия шудаанд ва дар ин ҳолат як модели муайяни идеалии (симои меъёрии) як ҷавон, таҳия шудааст, ки созмон мехоҳад онро ҳамчун намуна ба тамоми ҷомеа муаррифӣ кунад.

Имрӯз сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун фаъолияти давлат дар фароҳам овардани шароити ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ ба худшиносии шахсияти ҷавон ва рушди ассотсиатсияҳо, ҳаракатҳо ва ташаббусҳои ҷавонон равона шуда, инъикоси худро ёфтааст.

Зеро ҷавонон қуввае мебошанд, киояндаи давлат ва тақдири миллат ба души онҳо вогузор мегардад, таъмини амну субот ва тартиботи ҷамъиятӣ, иштирок дар раванди идоракунии давлатӣ ва баамалбарории сиёсати давлатӣ дар соҳаҳои дахлдор масъулияти онҳо мегардад. Бо ҳамин мақсад дар қалби ҷавонон бедор намудани ҳисси ватандӯстӣ, миллатдӯстӣ, арҷгузорӣ ба фарҳангу таърих ва тамаддуни миллӣ, баланд бардоштани нақш ва мавқеи онҳо дар ҷамъият, ташкил намудани мақомоти гуногуни давлатӣ, ки самти фаъолияти онҳоро кор бо ҷавонон ташкил медиҳад, яке аз вазифаҳои муҳими давлат маҳсуб меёбанд.

Тоҷикистони соҳибистиқлол акнун қадамҳои устуворонаи хешро дар роҳи бунёди ҷомеаи демократӣ гузошта истодааст ва кӯшиши ташаккули ҷомеаи шаҳрвандиро низ дорад, ки дар ин самт ҷавонон ҳамчун неруи пешбаранда нақши назаррас доранд. Аз ин ҷост, ки масъалаи мазкур, ҷиддӣ мавриди баррасиҳо ва таҳқиқоти илмӣ бояд қарор гирад ва хусусиятҳои ташаккул ва инкишофи он дар Тоҷикистон ва нақши ҷавонон ҳамчун неруи пешбаранда дар он муайян карда шавад.

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар сиёсати пешгирифтаи худ ба масъалаи ҷавонон эътибори махсус зоҳир намуда онҳоро ҳамчун давомдиҳандаи наслҳо ва ояндаи миллати тоҷик меҳисобад. Ҳамчунин барои пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои номатлуби ҷомеа дар паёмҳои худ ба роҳбарони вазорату идораҳои дахлдори мамлакат супоришҳои махсус медиҳад. Бо дасгирии давлату ҳукумати ҷумҳурӣ ҷавонони ботаҷриба ва лаёқатманд ба корҳои давлативу ҷамъиятӣ ҷалб карда мешаванд, ки ин нишонаи таваҷҷуҳи роҳбарияти мамлакатро нисбат ба ҷавонон нишон медиҳад. Баъди ба имзо расидани ҳуҷҷати сарнавиштсози миллат Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон дар ҳаёти ҷавонон низ дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд, ки минбаъд ба эҳсоси ватандӯстиву худшиносии онҳо таъсири мусбати худро расонид.

Дар зербоби дуюми боби дуюм “**Нақши Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони кишвар**” ба муайян намудани нақши истиқлолият дар таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони тоҷик бахшида шудааст.

Воқеан, Истиқлолияти давлатӣ бузургтарин неъмат ва дастоварди беназири миллати тоҷик маҳсуб меёбад. Зеро баъди ба даст бо овардани

он бо сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумати кишвар, махсусан бо сиёсати оқилова ва дурандешонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми самтҳои ҳаётан миҳими хоҷагии мамлакат дигаргуниҳои куллӣ ба назар расиданд.

Истиқлолият барои мо имкони воқеӣ фароҳам овард, ки роҳи имрӯзу ояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизамонро ба сӯи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ интихоб намоем.

Истиқлолият барои мо рамзи олии Ватану ватандорӣ, бузургтарин неъмати давлатсозию давлатдории мустақил, кору пайкорҳои пайгиронаи созандагӣ, азму талошҳои фидокоронаи расидан ба истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро омӯзонда, меъёрҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таҳким бахшид ва дар як вақт ҳаёти озодонаи ҳар фард ва олитарин дараҷаи бахту саодати воқеии миллатро таъмин намуд.

Истиқлолияти сиёсӣ барои тоҷикон рамзи барҷастаи пойдории давлат, таҷассуми асолату ҳувият, шиносномаи байналмилалӣ ва шарафу эътибори ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад.

Кишвари мо бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тайи 30-соли соҳибистиқлолии кишвар дар роҳи бунёди ҷомеаи мустақили демократӣ қадамҳои устувор гузоштааст. Дар ин муддат Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳиби Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ гардид. Рукнҳои асосии давлатдорӣ – Артиши миллӣ ва қувваҳои сарҳадиро ба вуҷуд оварда, устувор гардонд. Асоси сохтори конститутсионӣ ва идоракунии давлат танзим ёфта, пули миллӣ ба муомилот баромад, ҳар фарди ҷомеа соҳиби шиносномаи миллӣ гардид.

Ҷавонони саодатманд аз комёби ин сарзамини муқаддас хуб огаҳ ҳастем, ки баҳри зиндагии осудаи мардум Пешвои муаззами мо ҷони худро ба гарав гузошта, шабу рӯз нахуфта, ҷудо аз модару фарзандони хеш ба хотири ояндаи дурахшони миллати тоҷик ба хасус ҷавонони ояндасоз пояи ваҳдати миллатро асос гузоштанд.

Маҳз бо ташаббуси наҷибу созандаи Роҳбари хирадманд, Тоҷикистони соҳибистиқлолро ҷомеаи ҷаҳонӣ бишинохту таҷрибаи сулҳофарии моро чун беҳтарин роҳи ҳалли мушкилот эътироф намуда, аз он дарси ибрат мегирад.

Ташаккули ҳувияти миллӣ ва ватандӯстии ҷавонон яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Зеро дар оғози Истиқлоли давлатӣ, ҳарчанд Ҳукумат заминаҳои бедории сиёсию иҷтимоии ҷавононро фароҳам оварда буд, аммо набудани неруи созмондиҳандаи миллӣ, ки метавонист орзуву ормони гурӯҳҳои гуногуни ҷомеаро ба як

ниёзи миллӣ мубаддал кунад, кишварро ба вартаи задухӯрдҳои дохилӣ кашид. Аммо хиради азалии халқи тамаддунофари тоҷик имкон дод, ки таҳти роҳбарӣ ва ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ин буҳрони сиёсӣ раҳоӣ ёбем ва сулҳу суботро ҳамчун воситаи таҳкими ваҳдати комил интихоб карда, ба рушди минбаъдаи кишварамон роҳи васеъро боз намоем.

Аз рӯзи сарвари давлат интихоб гардидани фарзанди барӯманди халқ Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми фишангҳои ҳокимият асосҳои сохтори конститутсионӣ, рукнҳои тозаи идоракунии давлат, меъёрҳои танзимкунандаи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар роиҷ гардида, пули миллӣ ба муомилот баромад ва шиносномаи миллӣ дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф гардид. Мо яке аз рукнҳои асосии давлатдории мустақил – Артиши миллӣ ва неруҳои сарҳадиро таъсис дода, ҳифзи марзу буми Ватан ва сарҳади давлати худро таҳти назорати доимӣ гирифтем.

Ҷавонони даврони Истиқлолият ба қадри неъматҳои бебаҳои озодӣ, сулҳ, фазои амн ва шароити беҳтарини таҳсил мерасанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон на танҳо бо суханҳо, балки дар намунаи амалу хизматҳои ибратбахши худ, ба мо чӣ будани Ватану ватандориро пайваста меомӯзонад. Яъне ки мо натанҳо сухану насиҳат мешунавем, балки аз хизматҳои шоистаи таҳсини Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дарси ибрат мегирем. Воқеан ҳам ӯ ба мо дарси ватандориро дар намунаи худ омӯзонд.

Имрӯз ҷавонон шукрона аз он менамоянд, ки дар интихоби касбу ҳунар, кор ва фаъолият комилан озод ҳастанд. Ба донишҷӯёни солҳои даҳшатбори ҷанги шаҳрвандӣ озодона ва бе тарсу ваҳм аз хона берун шудан, танҳо як орзую ҳавас буд. Вале имрӯз, мо ҷавонони ватандори миллат шукрона аз он мекунанд,ки неъмати бебаҳои Ваҳдати миллӣ, яъне сулҳу субот, фазои дӯстиву рафоқат, ҳамдилӣ ва умед азояндаи неки Ватан онҳоро насиб гаштааст.

Дар зербоби сеюми боби дуюм “**Таҳкими ҳувияти миллӣ ҳамчун воситаи муҳими ҳифзи ҷавонони тоҷик аз таъсири идеологияи экстремизми динӣ**” мавзуи пешгирии ҷалби ҷавонон ба сафи гурӯҳҳои экстремистӣ баррасӣ шудааст.

Ҷаҳони имрӯзро бидуни технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Зеро имрӯз инсоният дар марҳилае қарор дорад, ки ҳамаи равандҳои истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва сиёсиро тавассути воситаҳои иттилоотӣ баррасӣ кардан

имконпазир аст. Имрӯз раванди истеҳсолотро танҳо бо роҳи татбиқ намудани воситаҳои коммуникатсионӣ идора кардан имконпазир аст. Аксари муҳаққиқон бар он боваранд, ки ҷомеаи иттилоотӣ ҳанӯз аз солҳои 50-уми асри XX дар давлатҳои Аврупои Ғарбӣ, ИМА, Канада ва Ҷопон ба амал омадааст. Баъдан ин раванд дар кишварҳои дигар зина ба зина мавқеи устувор пайдо намуда, дигаргуниҳоро дар ҳамаи бахшҳои ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ба миён овардааст. Имрӯз новобаста аз он ки кишварҳо дар кадом пояи иқтисодию иҷтимоӣ қарор доранд, таъсири технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар ҳамаи онҳо ба назар мерасад. Ҳамин аст, ки имрӯз таъсири амиқи воситаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии онҳо ба назар мерасад. Имрӯз давлатҳои ташаккулёфта ҳамаи равандҳои истеҳсолӣ ва иқтисодию сиёсии хешро тавассути воситаҳои иттилоотӣ ва пеш аз ҳама дар заминаи татбиқи низомҳои иттилоотӣ дар иқтисод, идоракунии равандҳои сиёсию иҷтимоӣ, хизматрасонӣ, нақлиёт, саноат омӯзишу парвариш, тандурустӣ ва амсоли ин ба роҳ мондаанд. Татбиқи чунин низомҳо боиси он гардидааст, ки дар самти муносибатҳои истеҳсолӣ, иҷтимоӣ, инчунин муносибатҳои сиёсӣ ва ахлоқии ҷомеаҳо таҳаввулоти азиме ба миён ояд, ки инҳо маҳз хусусиятҳои хосси ҷомеаи иттилоотӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар замони муосир рушду инкишофи давлатҳои олам аз рушду инкишофи инфрасохтори иттилоотии ин мамлакатҳо вобаста мебошад. Аммо чунин дастоварди инсоният дар баробари таъмин намудани рушду инкишоф, инчунин як қатор мушкилиҳоро ба вуҷуд овардааст. Пайдоиши таҳдиду хатарҳои замони муосир низ, аз пешрафти илму техника ва технологияҳои муосири иттилоотӣ вобаста мебошанд. Зеро ҳар як технологияи нав метавонад дар ду самт–ҳам ба фоидаи инсоният ва ҳам бар зарари ӯ истифода бурда шавад. Рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар аввал бо мақсади таъмин намудани пешрафти соҳаҳои гуногун амалӣ гардида бошад ҳам, аз ҷониби дигар, неруҳои тахрибкор онро барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсию иқтисодии худ ба таври васеъ истифода менамоянд. Дар миёни хавфу хатарҳое, ки аз рушди илму техника ва технологияҳои иттилоотӣ вобастаанд, кибертерроризм ва киберэкстремизм падидаҳое мебошанд, ки дар заминаи истифодаи технологияҳои иттилоотии замони муосир зоҳир мегарданд ва ба амнияти миллии мамлакатҳои алоҳида таҳдид менамоянд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз таҳдиди чунин хатар дар канор буда наметавонад. Имрӯз раванди рушди ҷомеаи иттиллотӣ ду навъе аз хатарҳоро ба миён овардааст, ки яке кибертероризим ва дигаре

киберэкстремизим ба ҳисоб меравад. Ҳар ду навъи ин гуна ҷиноятҳо тавассути иттилот ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба роҳ монда мешавад.

Имрӯз яке аз роҳҳои мағзшӯӣ ва ҷалби ҷавонон ба сафи гурӯҳҳои террористӣ тавассути технологияҳои иттилотиву комуникатсионӣ сурат мегирад. Ин ҳам аз истифодаи фазои маҷозӣ бар меояд, ки аксари мубаллиғони гурӯҳҳои террористӣ бо шаклу навъу барчаспу қолаби дигар ворид шуда, ба мағзшӯғии ҷавонон мепардозанд. Масъала ин аст, ки вақте барои бароварда кардани ниёзҳои хеш фард наметавонад ахбори дастрасро аз сомонаҳои иттилотӣ пайдо намояд, ба истифода намудани сомонаҳои гурӯҳҳои террористию экстремистӣ, ки бо барчаспҳои исломӣ амал мекунанд, рӯ меорад, аз қабили "Ҳизб-ут - таҳрир", "Ҷамоати Ансуруллоҳ" ва ғайра.

Маҳз ҷавонони бесаводу ва дорои ҳувияти пасти миллӣ ба сафи гурӯҳҳои ифротгарои динӣ ва террористӣ ворид мешаванд. Бо сабаби надоштани ҷаҳонбинӣ ва тафаккури илмӣ, бехабар будан аз таърихи ниёгони худ, надоштани донишҳои ҳуқуқӣ ва дунявӣ тафаккур як гурӯҳи хурди ҷавонони тоҷик бо воситаи шабакаи иҷтимоӣ дар Интернет бо идеологияи тахрибкори экстремизм заҳролуд гардид ва онҳо ба сафҳои ДОИШ (дар Тоҷикистон мамнуъ аст) ва дигар гурӯҳҳои террористӣ пайвастанд. Ҷоҳилият ва гумроҳӣ омили асосии майл пайдо кардани ҷавонон ба хурофот, ифротгароӣ ва радикализми динӣ мебошанд. Ин зуҳуроти номатлуб ва хатарнок зиндагии ҷомеаро тираву торик месозанд ва боиси қафомонии давлат аз роҳи пешрафт мегарданд,

Таҳқиқоти мо исбот намуд,ки маҳз ҳувияти ташаккулёфтаи миллии ҷавонони тоҷик барои паҳншавии идеологияи экстремизми динӣ дар ҷомеаи тоҷик монеъа эҷод мекунад. Аз ин рӯ зарур аст,ки таҳкими ҳувияти ҷавонони тоҷик як амали муддавом бошад ва ба он тамоми қишрҳои ҷомеа ҷалб карда шаванд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст гардида, ҷиҳати таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити дигаргуншвӣ тавсия ва пешниҳодҳои муаллиф баён гардидаанд.

## ХУЛОСА

### I. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1.Раванди ҷаҳонишавӣ, ки имрӯз ба воқеияти инсоният мубаддал гаштааст, барои давлатҳои миллӣ ҳам имконият ва ҳам таҳдидҳои зиёд эҷод менамояд. Дар раванди ҷаҳонишавӣ ихтилофи фарҳангҳо ва ҳувиятҳо, таҷриба ва амалияҳои сиёсӣ-иқтисодӣ ташдид гирифта истодаанд. Вобаста ба ин доираи зиёиён ва олимон, сиёсатмадорон ва

сиёсташиносон барои ҳифзи давлати миллӣ аз паёмадҳои манфии ҷаҳонишавӣ ба падидаи ҳувияти миллӣ рӯиё оварданд. Таҳлили равишҳои консептуалӣ оид ба падидаи ҳувият ва ҳувияти миллӣ нишон дод, ки ин масъала дар доираҳои илмӣ ва сиёсӣ ҳамагӣ якчанд даҳсола ба мавзӯи мубрам мубаддал гаштааст. Дар асоси таҳқиқоти худ мо ба хулоса омадем, ки падидаи ҳувияти миллиро танҳо бо усули байнисоҳавӣ бояд омӯзиш кард. Чунки мафҳуми ҳувияти миллиро дар доираи як фан, як илм тафсиру маънидод кардан ғайримкон аст. Ҳар як паҳлуи ҳувияти миллӣ дар асоси назария ва равишҳои мухталиф бояд мавриди таҳлил гирад. Дар ин росто бояд ҳам аз назарияи конструктивизм ва интерактсионизми рамзӣ ва дигар равишҳои методологӣ истифода кард. [1-М]

2.Таҳлили мо ҳамчунин нишон дод, ки ҳувияти миллӣ аслан як тарҳи сиёсӣ буда,ҷавҳари истиқлоли давлатии дилхоҳ кишвари дунёро ташкил медиҳад. Дар ташаккули ҳувияти миллӣ ҳам забон ва фарҳанги миллӣ, ҳам иқтисодиёти миллӣ ва сиёсати хориҷӣ, ҳам тарзи хоҷагидории миллӣ иштирок доранд. Аммо раванди ташаккули ҳувияти миллӣ як раванди динамикии муддавом асту ҳеҷ гоҳ сукут намекунад. Вобаста ба тағйирёбии тамоилҳои геополитикӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ сохтор ва унсурҳои ҳувияти миллӣ такмил меёбанд ва сифатан беҳтар мегарданд. Ҳар миллате, ки дар бораиояндаи давлатдории миллӣ худ андеша меронанд, ҳатман ба таҳкими ҳувияти миллии шаҳрвандон ва хусусан қишри ҷавони ҷомеа таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мекунад. Зеро аз сатҳ сифати ҳувияти миллии ҷавонон, тақдириояндаи давлати миллӣ муайян мегардад. [2-М]

3. Яке аз самтҳои таҳкими ҳувияи миллии ҷавонон, чуноне ки таҳқиқоти мо муайян кард, сиёсати давлатии муваффақ ва самараноки ҷавонон мебошад. Ҳукумати Тоҷикистон дар самти кор бо ҷавонон диққати ҷиддӣ медиҳад. Таҳқиқоти мо муайян кард, ки ҳадафҳои сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон инҳоянд: мусоидат ба рушди иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маънавӣ ва ҷисмонии ҷавонон; роҳ надодан ба табъизи шаҳрвандони ҷавон аз рӯи синну сол; фароҳам овардани шароит барои фарогирии пурраи ҷавонон ба ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсии ҷомеа; тавсеаи имконияти ҷавонон дар интихоби роҳи зиндагии худ, ба даст овардани муваффақияти шахсӣ; татбиқи неруи инноватсионии ҷавонон ба манфиати рушди иҷтимоӣ ва рушди худи ҷавонон. Ҳадафҳои сиёсати давлатии ҷавонон дар ҳама сатҳҳои ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд. Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол барои ташаккули ҷаҳонбинии солими дунявӣ, руҳияи баланди ватандӯстӣ, ифтихор аз

ватани худ ҳама гуна шароитҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар заминаи сиёсати давлатии ҷавонон фароҳам оварда шудааст. Ҳама ин падидаҳои дар боло номбаршуда бевосита барои таҳкими унсурҳои муҳими сохтори ҳувияти миллии ҷавонони тоҷик-ифтихори миллӣ, ғурури миллӣ, ҳисси мансубият ба фарҳангу анаъанаҳои бузурги миллӣ, тақвияти хотираи таърихи дар бораи миллат худ, фахр аз Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон меоварад. [3-М]

4. Таҳқиқоти мо инчунин муайян кард, ки Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон заминаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоиро барои таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони тоҷик муҳайё сохтааст. Маҳз бо шарофати истиқлолият, насли наврасу ҷавон дар фазои сулҳу субот имконияти амалисозии ҳуқуқҳои конститутсионии худро пайдо намуданд. Ба ҷавонони тоҷик дар давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ дастрасиии бемонеа ба низоми маориф ва тандурустӣ, иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодӣ, рушди навоварӣ ва эҷодкорӣ таъмин гардидааст, ки ин воқеият дар навбати худ боиси таҳкими ҳувияти миллии насли ҷавон мегардад. Афзудани меҳру муҳаббати ҷавонон ба илмомӯзӣ, фанофарӣ дар навбати худ онҳоро аз пайвастан ба тарафдорони ҷаҳолату таассуби динӣ бозмедорад. [4-М]

5.Дар раванди таҳқиқот муайян гашт, ки маҳз ҷавонони бесаводу дорои ҳувияти пасти миллӣ ба сафи гурӯҳҳои ифротгарои динӣ ва террористӣ ворид мешаванд. Бо сабаби надоштани ҷаҳонбинӣ ва тафаккури илмӣ, бехабар будан аз таърихи ниёгони худ, надоштани донишҳои ҳуқуқӣ ва дунявӣ як гурӯҳи хурди ҷавонони тоҷик бо воситаи шабакаи иҷтимоӣ дар Интернет бо идеологияи тахрибкори эктстремизми заҳролуд гардида, онҳо ба сафҳои ДОИШ (дар Тоҷикистон мамнӯъ аст) ва дигар гурӯҳҳои террористӣ пайвастаанд. Ҷоҳилият ва гумроҳӣ омили асосии майл пайдо кардани ҷавонон ба хурофот, ифротгароӣ ва радикализми динӣ мебошанд. Ин зуҳуроти номатлуб ва хатарнок зиндагии ҷомеаро тираву торик месозанд ва боиси қафомонии давлат аз роҳи пешрафт мегарданд. [5-М]

Таҳқиқоти мо исбот намуд, ки маҳз ҳувияти ташаккулёфтаи миллии ҷавонони тоҷик барои паҳншавии идеологияи экстремизми динӣ дар ҷомеаи тоҷик монеа эҷод мекунад. Аз ин рӯ зарур аст, ки таҳкими ҳувияти ҷавонони тоҷик як амали муддавом бошад ва ба он тамоми қишрҳои ҷомеа ҷалб карда шаванд. Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ, ки талоши тамоми қувваҳои иртиҷоиву ифротӣ барои таъсиррасонӣ ба мафкураи ҷавонон ва моил сохтану истифодаи қувваи бузурги онҳо барои амалӣ намудани ҳадафҳои муғризонаи худ равона шудааст, ҷавонони тоҷик бояд бисёр ҳушёр бошанд, зиракии сиёсиро аз

даст надиҳанд ва манфиатҳои милливу давлатиро ҳатто як лаҳза ҳам фаромӯш накунанд. [6-М]

**II. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо**

1.Ватандӯстӣ ҷавҳари ҳувияти миллиро ташкил медиҳад. Аз ин лиҳоз бояд ба тарбияи ватандӯстӣ аз даврони кӯдакӣ диққат дод. Мо тавсия медиҳем, ки дар ҳар як ноҳия, шаҳру шаҳракҳо Хонаҳои рушди эҷодкории наврасон ташкил карда шавад ва дар он ҷо гурӯҳҳои наққошӣ, ихтироъкорӣ, мусиқӣ ва ба монанди инҳо ташкил карда шавад. Завқи эстетикии кӯдакони тоҷик аз хурдӣ бояд ташаккул дода шавад, зеро навраси зебоипараст ҳеҷ гоҳ аз пайи идеологияи тахрибкори экстремистӣ намеравад.

2. Ҳаракати умумиҷумҳуриявии ҳарбӣ-ватандӯстонаи ҷавонон бо номи "Сипоҳиёни Истиқлоли Тоҷикистон" ташкил карда шавад, ки дар он наврасони тоҷик аз давраи мактабӣ дар руҳияи ватандустӣ, ҳифзи Ватан тарбия ёфта, инчунин ба варзиш ва машқҳои ҳарбӣ машғул мешаванд.

3. Фестивалҳои ҷавонон дар ҳар минтақаи Тоҷикистон ҳамасола бояд ташкил гарданд, ки бо воситаи он ҷавонон дастовардҳои худро дар илму техника, фарҳанг ва иқтисодиёт рӯйнамоӣ карда бо таҷрибаи якдигар шинос мешаванд.

4. Барои рушди илм дар бораи ҷавонон, ки онро ювенология меноманд, дар назди муассисаҳои таълими курсҳои махсуси ин фан ташкил карда шаванд. Барои ҳавасмандии ҷавонон дар соҳаи фанофарӣ дар пажуҳишгоҳҳои илмӣ бояд квота барои олимони ҷавон ташкил дода шавад, яъне дар муассисаҳои илмӣ бояд 70% ҳайат аз ҷавонон иборат бошад.

5. Бахри омода шудани ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ бояд руҳияи ватандӯсти, ҷасорат ва далерӣ дар мактабҳои таҳсилоти миёна ташаккул дода шавад. Аз ин рӯ ба назари мо бояд дарсҳои тайёрии аввалияи ҳарбӣ дар синфҳои болоӣ ба роҳ монда шавад.

6. Барои ҷалби ҷавонон ба соҳаи илму маориф бояд ипотека бо фоизи паст ба муҳлати дурудароз дода шавад,то онҳо соҳиби манзил шаванд ва соҳаи илму маориф бештар фаъолият кунанд. Ояндаи ҳар миллат аз рушди илму маориф вобастагии амиқ дорад.

7. Барои дар руҳияи солим ва ватандустона тарбия намудани ҷавонон инчунин ташкили варзишгоҳҳои хурду миёна дар ҳар як русто,шаҳру ноҳия хеле зарур аст.

## ИНТИШОРИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

## 1.Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[1-М]. Муродзода М.М. Равишҳои консептуалӣ оид ба таҳлили ҳувият/М.М.Муродзода // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон – 2021. -№2. – С.166-169. **ISSN 0235-005X**

[2-М]. Ҳайдаров Р.Ҷ., Муродзода М.М. Таҳкими ҳувияти миллӣ ҳамчун абзори сиёсии муқовимат бар зидди экстремизми динӣ-сиёсӣ/Р.Ҷ.Ҳайдаров, М.М.Муродзода// Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон - 2021. -№3. – С.91-96. **ISSN 0235-005X**

[3-М]. Муродзода М.М. Нақши ваҳдати миллӣ дар таҳкими ҳуввияти миллии ҷавонон/М.М.Муродзода //Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон – 2020. – №4. – С.171-175. **ISSN 0235-005X**

[4-М]. Муродзода М.М. Истиқлолият кафили хушбахтии ҷавонон /М.М.Муродзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – №7. – С. 347-351. **ISSN 2413-5151**

[5-М]. Муродзода М.М. Нақши истиқлоли давлатӣ дар таҳкими ватандорӣ ва ҳуввияти миллӣ дар ҳаёти ҷавонон /М.М.Муродзода // Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президанти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. – №4/2 (49). – С. 294-302. **ISSN 2664-0651(print), ISSN 2709-8567(online)**

[6-М]. Муродзода М.М. Раванди тарбияи ватандӯстӣ ва худогоҳии миллии ҷавонон /М.М.Муродзода // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2021. – №4. – С.135-138. **ISSN 0235-005X**

## II. Мақола ва фишурдаи интишорот дар маҷмӯаи маводи конференсияҳо

[7-М]. Муродзода М.М. Фазилатҳои сиёсатмадорӣ ва инсондӯстонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон / М.М.Муродзода // Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалии “Рушди давлатдории миллӣ дар замони соҳибистиқлолӣ”. - Душанбе, 2021. - С.147-149.

[8-М]. Муродзода М.М. Пешвои миллат – роҳнамои ҷавонон дар масири давлатдорӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ / М.М.Муродзода/ / Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалии дар мавзуи “Академик

А.Баҳоваддинов ва рушди афкори фалсафию сиёсӣ дар замони соҳибистиқлолӣ”. –Душанбе, 2022. – С.213-216.

# АННОТАТСИЯ

**ба диссертатсияи Муродзода Муҳсин дар мавзуи «Масоили таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон: ҷанбаи сиёсӣ-иҷтимоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

***Калимаҳои калидӣ***: ҷавонон, ҳувияти миллӣ, истиқлоли давлатӣ, сиёсати ҷавонон, давлат, идеология, фарҳанги сиёсӣ

**Мақсади таҳқиқот** омӯзиши ҷанбаҳои сиёсӣ-иҷтимоии масъалаҳои таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони тоҷик дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ва муайян кардани роҳу равишҳои нав дар ин раванд аст.

Ба сифати асосҳои методологӣ дар раванди таҳқиқот аз муносибатҳои системавӣ, таърихӣ, таҳлилӣ ва синергетикӣ истифода шудааст. Инчунин, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ аз методҳои анализ ва таҳлил, индуксия ва дедуксия, муқоисавӣ, контент-анализ, методи миқдорӣ ва сифатӣ низ ба таври мақсаднок истифода шудаанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, муаллиф бештар ба муқаррарот ва хулосаҳои муҳаққиқони илмҳои сиёсӣ, муҳаққиқони барҷастаи кишварҳои гуногуни олам, бахусус, муҳаққиқони русзабон ва пажӯҳишгарони тоҷик ва дигарон, ки бевосита ба мавзуи таҳқиқотӣ рӯ овардаанд, такя намудааст.

Дар раванди таҳқиқот масъалаҳои асосӣ дар алоқамандӣ бо объект ва предмети таҳқиқот мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудаанд, ки онҳоро мушаххасан ба таври зерин нишон додан мумкин аст: равишҳои консептуалӣ оид ба падидаи ҳувият дар илмҳои иҷтимоӣ ва гуманитарӣ муқоиса ва таҳлил гардиданд; замина ва омилҳои сиёсӣ-иҷтимоии ташаккули ҳувияти миллӣ ҳамчун тарҳи сиёсӣ муайян ва асоснок карда шуданд; сиёсати давлатии ҷавонон дар ташаккул ва таҳкими ҳувияти миллии насли наврасу ҷавони тоҷик арзёбӣ гардид; нақши Истиқлоли давлатии Тоҷикистон дар ташаккул ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони кишвар мавриди омӯзиш қарор гирифт; имконияти ҳувияти миллӣ дар ҳифзи ҷавонон аз таъсири идеологияи экстремизми динӣ таҳқиқ шуд.

Муқаррароти асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии таҳқиқотро метавон дар кори мақомоти ҳокимяти давлатӣ ҳангоми омода намудани консепсияю стратегияҳои минбаъдаи инкишоф ва барномаҳои мақсаднок ҷиҳати рушди ҷомеа истифода намуд. ба ҳаллу фасли масъалаҳои алоқаманд бо соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон мусоидат намуда, ба сифати асоси назариявӣ барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ хизмат мекунанд. Маводи кори диссертатсиониро зимни таҳияи дастурҳо ва барномаҳои таълимӣ истифода бурдан мумкин аст.

# АННОТАЦИЯ

**на диссертацию Мурадзода Мухсина на тему «Вопросы укрепления национальной идентичности молодежи в период независимости Таджикистана: политическо-социальный аспект» для получения степени кандидата политических наук по специальности 23.00.02 –** Политические институты, процессы и технологии

**Ключевые слова**: молодежь, национальная идентичность, государственная независимость, молодежная политика, государство, идеология, политическая культура.

**Цель исследования** – изучить политические и социальные аспекты укрепления национальной идентичности таджикской молодежи в период независимости Таджикистана и определить новые пути и подходы в этом процессе.

В качестве методологической основы в исследовательском процессе использовались системные, исторические, аналитические и синергетические связи. Также в диссертационном исследовании целенаправленно использовались методы анализа и анализа, индукции и дедукции, сравнения, контент - анализа, количественные и качественные методы.

В своих диссертационных исследованиях автор преимущественно опирался на положения и выводы исследователей-политологов, выдающихся исследователей разных стран мира, особенно русскоязычных и таджикских исследователей и других лиц, непосредственно обратившихся к теме исследования.

В процессе исследования были изучены и обсуждены основные вопросы, связанные с объектом и предметом исследования, что конкретно можно показать следующим образом: сравнивались и анализировались концептуальные подходы к феномену идентичности в социальных и гуманитарных науках; определены и обоснованы предпосылки и политико-социальные фак-торы формирования национальной идентичности как политической конструкции; государственная молодежная политика оценена в формировании и укреплении национальной идентичности таджикского молодого поколения; изучена роль Государственной независимости Таджикистана в формировании и укреплении национальной идентичности молодежи страны; исследована возможность национальной идентичности в защите молодежи от влияния идеологии религиозного экстремизма.

Основные положения, выводы и практические рекомендации исследования могут быть использованы в работе государственных органов в процессе подготовки концепций и стратегий развития и целевых программ дальнейшего развития общества. Способствуют решению вопросов, связанных с государственной молодежной политики, и служат теоретичес-кой основой для дальнейших научных исследований. Материал диссертационной работы может быть использован при разработке инструкций и образовательных программ.

## ANNOTATION

**to the dissertation of Muradzoda Muhsin on the topic "Issues of strengthening the national identity of young people in the period of independence of Tajikistan: political and social aspects" to obtain the degree of candidate of political sciences in the specialty 23.00.02 - Political institutions, processes and technologies**

***Key words:*** *youth, national identity, state independence, youth policy, state, ideology, political culture*

The purpose of the research is to study the political and social aspects of strengthening the national identity of Tajik youth in the period of independence of Tajikistan and to determine new ways and approaches in this process.

Systematic, historical, analytical and synergistic relationships were used as methodological bases in the research process. Also, the methods of analysis and analysis, induction and deduction, comparison, content analysis, quantitative and qualitative methods were purposefully used in the dissertation research.

In his dissertation research, the author mostly relied on the provisions and conclusions of political science researchers, outstanding researchers of different countries of the world, especially Russian-speaking researchers and Tajik researchers and others who directly turned to the research topic.

In the process of research, the main issues related to the object and subject of the research were studied and discussed, which can be specifically shown as follows: conceptual approaches to the phenomenon of identity in social sciences and humanities were compared and analyzed; the background and political-social factors of national identity formation as a political design were defined and justified; the state youth policy was evaluated in the formation and strengthening of the national identity of the Tajik youth generation; the role of the State Independence of Tajikistan in the formation and strengthening of the national identity of the country's youth was studied; the possibility of national identity in protecting young people from the influence of the ideology of religious extremism was investigated.

The main provisions, conclusions and practical recommendations of the research can be used in the work of certain government bodies in the process of preparing concepts and strategies for further development and targeted programs for the further development of the country's civil society. contribute to the solution of issues related to the field of state youth policy and serve as a theoretical basis for further scientific research. The material of the dissertation work can be used during the development of instructions and educational programs.

**НАЦИОНАЛЬНАЯ АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА**
**ИНСТИТУТ ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ А.БАХОВАДДИНОВА**

***На правах рукописи***

**УДК - 323: 329.78 (575.3)**
**ББК – 66.3+66.61 (2) 5 (2таджик)**

**МУРОДЗОДА МУХСИН МУКИМ**

# ПРОБЛЕМЫ УКРЕПЛЕНИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ ИДИЕНТИЧНОСТИ МОЛОДЕЖИ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ ТАДЖИКИСТАНА: ПОЛИТИКО-СОЦИАЛЬНЫЙ АСПЕКТ

## АВТОРЕФЕРАТ

**диссертации на соискание учёной степени**
**кандидата политических наук по специальности 23.00.02 - Институты, процессы и политические технологии**

Душанбе – 2024

Диссертация выполнена при отделе политологии Института философии, политологии и права имени А. Баговутдинова Национальной академии наук Таджикистана.

| | |
|---|---|
| **Научный руководитель:** | **Комилбек Амид Ёрбек**, доктор политических наук, ректор Хорогского государственного университета имени М. Назаршоева |
| **Официальные оппоненты:** | **Фаттозода Саидмурод Самад** – доктор философских наук, член палата Маджлиси намояндагон Маджиси Оли Республики Таджикистан<br>**Абдулхаков Музаффар Мирзоевич** – кандидат политических наук, доцент кафедры Таджикского национального университета. |
| **Ведущая организация:** | Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими |

Защита состоится «20» сентября 2024 г. в «$13^{00}$» часов на заседании Диссертационного совета 6D.КОА–001 при Таджикском национальном университете (734025, г. Душанбе, Буни Хисорак, учебный корпус 15, www.tnu.tj, e-mail: tgnu@mail.tj. Тел. +992 919 60 69 66).

С диссертацией можно ознакомиться на сайте www.tnu.tj и в научной библиотеке Таджикского национального университета по адресу 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17

Автореферат разослан «____»_________2024 года

И.о. ученого секретаря
Диссертационного совета,
доктор исторических наук Акрами З.И.

## Введение

**Актуальность темы диссертации**. Проблема формирования и укрепления национальной идентичности молодежи в современном Таджикистане занимает в структуре отечественной политологии особое место.

Последние десятилетия интерес к понятиям идентификации и идентичности возрастает во всем мире. Национальная идентичность напоминает микроскопа, через которого анализируют и изучают многие важные особенности современной жизни любого общества.

Доказано, что работа в сфере молодежи с политической и психологической точки зрения является особой социальной темой, которая должна в ближайшее будущее определить сущность реальной жизни Таджикистана. В этой связи, изучение процесса формирования и укрепления национальной идентичности таджикской молодежи считается особо важным для политологии. Поэтому сегодня для отечественных общественных наук, особенно для политологии изучения процесса формирования национальной идентичности таджикской молодежи, теоритическое понимание настоящего периода развития общества, оценки влияния явлении глобализации, современной информационной технологии на национальной идентичности таджикской молодежи считается важным. Подобное исследование дает возможность способствовать усовершенствованию политики по делам молодежи в Таджикистане с учетом ежедневных изменений современного мира.

Одно из огромных достижений периода независимости оценивается тем, что именно редчайшим образом и согласно особенностями таджикских традиций формировалась государственная политика по делам молодежи и постепенно создавались широкие возможности для развития и совершенствования молодежи в сложных условиях структурных и общественных изменений.

Созданные в Таджикистане условия способствуют развитию и продвижению интеллектуальных возможностей молодежи, и стараниям воспитывать молодое поколение страны как совершенных личностей с современными знаниями.

В современном мире для каждой страны проблема национальной идентичности считается одним из важнейших проблем. Сильное и устойчивое государство невозможно представить без национального единства, чувства понимания национального общества, общих национальных интересов и оценки. По мере укрепления национального единства, гражданская ответственность становится выше и увеличиваются возможности совершения общих национальных действий от имени конкретной нации.

